# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

## Аудиторони дохилии сохторҳои давлатии Тоҷикистон дорои сертификат гардиданд

**Душанбе 19 июли 2013** – Дар доираи лоиҳае, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад, дар Вазорати молияи ҶТ маросими супоридани сертификатҳо ба аввалин гурӯҳи иборат аз 33 аудиторони дохилӣ, ки имтиҳони «Аудити дохилӣ дар сохтори давлатӣ»-ро бомуваффақият супориданд, доир мегардад. Сертификатҳо аз ҷониби Вазорати молия ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар сохтори давлатӣ» дода шудаанд.

Сертификатсиякунонӣ қадами муҳим дар таъмини манбаи устувори дониши назариявӣ барои аудиторони дохилӣ дар сохтори давлатӣ ба ҳисоб меравад. Он қисми лоиҳаи «Дастгирии назорати дохилии молиявии давлатии II дар Тоҷикистон» мебошад, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад. Лоиҳа ба Вазорати молия дар амалӣ гардонидани вазифаҳои аудити дохилӣ мувофиқи Стандартҳои байналмилалии таҷрибаи тахассусии аудити дохилӣ мусоидат мекунад. Тартиби сертификатдиҳӣ таҷрибаи беҳтари байналмилалиро ҳам аз рӯи мазмун ва ҳам аз рӯи методи таълим ва гузаронидани имтиҳонот барои аудиторони дохилӣ инъикос намуда, омилҳои зеринро дарбар мегирад:

- 450 саволҳо бо интихоб байни якчанд ҷавобҳо доир ба соҳаи аудити дохилӣ, назорати молиявӣ ва ҳисобгирии муҳосибавӣ;

- Бо Веб-манбасозии таъминоти барномавии барои таълим ва имтиҳонгирӣ тариқи «Test Factory» бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бо дастрасии бемаҳдуд, барои тайёрӣ дидан ва худимтиҳонгирӣ, ки ба ҳар як аудитори дохилӣ ва дигар шахсоне, ки ҳуқуқи имтиҳон супориданро доранд, имкон медиҳад, ки бо ҳар усули барои онҳо мусоид омодагӣ бинанд;

- Шабака барои 15 истифодабаранда ҷиҳати гузаронидани имтиҳони электронӣ дар Вазорати молия.

Чунин тартиби таълим ва гузаронидани имтиҳонот аввалин бор барои аудиторон дар сохтори давлатӣ пешниҳод мешавад ва натанҳо аудиторони дохилӣ, балки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ҳавасманд гардонид, ки аллакай 3 мутахассиси дорои сертификат доранд. Ҳайати Раёсати аудити дохилӣ ва назорати Вазорати молия комилан омӯзонида шуданд ва баъд аз анҷоми лоиҳа, лаёқати пурраи мустақилона идора сохтани раванди сертификатдиҳиро доранд.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, хоҳишмандем ба роҳбари лоиҳа, хонум Ваня Томева муроҷиат намоед: vaniatomeva@yahoo.com

---

*Лоиҳа амалӣ мегардад:*

SOFRECO

Суроға:
92-98, blv Victor Hugo
Clichy Cedex – 92115
France
тел: 3 1 41 27 95 95

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.